**Варақаи иттилоотӣ**

**Хатмкунандагони соли 2023-и Донишгоҳи Осиёи Марказӣ бо ормонҳои олӣ хатм мекунанд**

Дар миёни кӯҳҳои бошукӯҳи Помир ва Тиён Шон, дар ду шаҳраки донишҷӯии Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, воқеъ дар шаҳрҳои Нарини Қирғизистон ва Хоруғи Тоҷикистон маросими хатми таҳсили донишҷӯён баргузор гардид, ки дар он волидон, устодон ва меҳмонони олиқадр гирди ҳам омаданд, то дар шакли ҳузурӣ ва аз тариқи пахши зинда маросими хатми таҳсилро ба хотири дастовардҳо ва интизороти ояндаашон табрик гуфта, дар лаҳзаҳои шодии зиндагиашон бо онҳо шарик бошанд ва ба онҳо, дар ҳоле ки дар масирҳои ҷадиди амалисозии орзуҳои худ қадам мегузоранд, орзуи муваффақият намоянд.

Дар ин маросим Малика Заҳро Оғохон, узви Шӯрои Парасторони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар Нарин ширкат варзида, барои меҳмонон суханронӣ намуд. Ӯ аз касоне, ки дар муваффақият ва дастовардҳои хатми таҳсили Донишгоҳи Осиёи Марказӣ саҳми босазо доштаанд, қадрдонӣ намуда, аз пешрафти куллии донишгоҳ изҳори қаноатмандӣ намуд. Ӯ аз устодону кормандон, ки “ҳисси кунҷковии донишҷӯёнро барангехта, дар вуҷуди онҳо ҳавасмандии шадидеро ба омӯзиши дониш бедор намудаанд” сипосгузорӣ намуд. Ӯ, ҳамчунин, аз эҳдокунандагон, шарикон ва ризокорон ба таври амиқ ташаккур ва қадрдонӣ намуд. Ӯ изҳор дошт: “Бидуни саховатмандӣ ва кӯмакҳои фаровони онҳо, Донишгоҳи Осиёи Марказӣ наметавонист ин занону мардони боистеъдодро ба ҷаҳон муаррифӣ намояд”.

Суханронии Малика Заҳро аз паёми Шӯрои Парасторон ва муассиси Донишгоҳ Волоҳазрат Оғохон иборат буд. Дар ин паём таъкид шуда буд, ки хатмкунандагон таҳсилотеро ба даст овардaнд, ки онҳоро барои бо чолишҳое мисли зуҳури шаклҳои ҷадиди зеҳни сунъӣ ва тағйироти иқлим, ки Осиёи Марказӣ ва ҷаҳон бо онҳо рӯ ба рӯ шудаанд, омода сохтааст: “Шумо дар риштаҳои илми компютерӣ, илм дар бораи замин ва муҳити зист, иқтисод ва васоити ахбори омма ва иртиботот омӯзиш гирифтаед, ки ҳар кадоме аз онҳо аҳамияти ҳаётӣ доранд. Муҳимтар аз ҳама, шумо омӯхтаед, ки набояд аз чолишҳо битарсед, балки бояд онҳоро бипазиред”.

Шамш Кассим-Лакҳа, Раиси Шӯрои Парасторони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар суханронии худ аз ҳозирин пазироӣ намуда, аз номи Канслер ва Шӯрои Парасторон ба ҳомиёни Донишгоҳ – Президентҳои Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистон ба хотири ҳимоят ва кӯмакҳои арзишмандашон ба Донишгоҳи Осиёи Марказӣ изҳори сипос намуд. Ӯ гуфт: “Мо аз вазоратҳои маориф ва илми ҳар се кишвари муассис ба хотири кӯмакҳояшон дар иҷрои барномаҳои омӯзишии навоварoнаамон сипосгузорӣ менамоем. Мо аз раисони вилоятҳо ва раисони шаҳрҳои Нарин, Хоруғ ва Текели ба хотири истиқбол намудан аз Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ба унвони бахше аз ҷомеаи худ ташаккур мекунем”.

Суханронии аслиро Анита Зайдӣ, раиси бахши баробарии гендерии бунёди Билл ва Мелинда Гейтс эрод намуд. Ӯ ба унвони хатмкунандаи Донишгоҳи Оғохон, дарсҳои муҳимеро аз зиндагӣ ва фаъолияти кории худ ҷиҳати мубориза алайҳи бемориҳои

сироятии кӯдакон ва таблиғ аз баробарии гендерӣ дар ҷаҳон, бо донишҷӯён дар миён гузошт. Ӯ ба унвони узви хатмкунандагони Донишкадаи тиббии Донишгоҳи Оғохон, аз мулоқоти худ бо Волоҳазрат Оғохон ва панди ӯ дар мавриди хидмат кардан ба кишвари худ-Покистон ёдоварӣ намуда, аз хатмкунандагони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ даъват намуд, ки дар ҳоле ки ҳаёти касбии худро оғоз мекунанд, ба Осиёи Марказӣ хидмат намоянд.

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Қирғизистон Канибек Иманалиев, ки ба унвони меҳмони асосӣ дар маросими хатми таҳсил ҳузур дошт, изҳор дошт: “Ин ҳамкорӣ кафолате барои зиндагии бошукӯҳи фарзандони мо, хатмкунандагони яке аз нодиртарин донишгоҳҳои ҷаҳон мебошад, ки нерӯ ва талоши он барои беҳбуди сифати зиндагӣ дар ҷомеаҳои кӯҳистон равона шудааст”.

Меҳмони асосии Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар шаҳраки донишҷӯии Хоруғ  аз Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктор Худойдодзода Фаррух қайд намуд: “Ман хушҳолам, ки Донишгоҳи Осиёи Марказӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисоти таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои зичро барқарор кардааст ва ман итминон дорам, ки ин ба маорифи кишвар кумаки шоёне хоҳад кард”.

Ба намояндагӣ аз хатмкунандагон Ваҷоҳат Хон, ки дар манотиқи рустоии Гилгити Покистон ҳар рӯз барои ба мактаб рафтан 6 км роҳро тай мекардааст, аз ҳамаи волидон ба хотири ғамхориҳои бедареғ ва фидокориҳояшон сипосгузорӣ намуд. Ӯ изҳор дошт, ки бидуни кӯмаки онҳо хатмкунандагон наметавонистанд чунин муваффақиятро ба даст оваранд. Ӯ ҳамчунин аз ҳамсабақони худ хост, то эҳсоси ғамхорӣ ва масъулиятпазирӣ нисбат ба ҷомеаро ҳифз намоянд. Ӯ гуфт: “Мо бояд намунаи тағйире бошем, ки мехоҳем дар ҷаҳон шоҳиди он бошем. Дар ҳоле ки мо ба масирҳо ва рӯйдодҳои ҷадид ворид мешавем, бояд ҳомиён ва сафирони сулҳу дониш бошем”.